ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026. – 204 с.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой ба доираи масъалаҳои таҳқиқии ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат менамояд. Дар меҳвари ин ихтисос омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, раванду падидаҳои адабӣ, ҳаёт ва эҷодиёти адибон, хусусиятҳои жанрӣ, сабкӣ ва ҳунарии осори бадеӣ, инчунин масъалаҳои назарияи адабиёт қарор доранд. Дар **банди 7-уми** «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии **6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ** таҳқиқи адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX, вежагиҳои мавзуӣ, ҳунарию сохторӣ ва масоили дигари марбут ба осори адибони давраи мазкур тарҳрезӣ гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой ба доираи масоили пажуҳишии дар банди мазкур таъиншуда ба пуррагӣ **мувофиқат менамояд**.

Аз ин лиҳоз, муҳтаво ва самти таҳқиқи он ба ҳудуди мавзуъҳои пешбинишудаи шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мирзо Абдулқодири Бедил аз намояндагони барҷастаи адабиёти форсии тоҷикӣ ва яке аз чеҳраҳои асосии сабки ҳиндӣ ба шумор рафта, осори ӯ бо жарфои андеша, печидагии маъно, нозукхаёлӣ, борикбинӣ ва истифода аз имконоти густурдаи забонию бадеӣ тафовут дорад. Шинохти вижагиҳои сабкии Бедил на танҳо омӯзиши мазмуну муҳтавои фалсафӣ ва ирфонии ашъори ӯ, балки таҳқиқи воситаҳои баёнию бадеӣ, аносири тасвирсоз ва шеваҳои маънофаринии сухани шоирро низ тақозо менамояд.

Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ аз ҷумлаи падидаҳое мебошанд, ки дар ташаккули ҷаҳони бадеӣ ва маъноии ғазалиёти Бедил нақши муҳим доранд ва аз ҷумлаи **масоили мубрами** пажуҳиши дар соҳаи бедилшиносӣ арзёбӣ мегарданд. Баррасии ин абзорҳои бадеӣ имкон медиҳад, ки вижагиҳои тафаккури бадеӣ, тарзи дарку бозофаринии воқеият, муносибати шоир ба мафҳумҳои фалсафию ирфонӣ ва хусусиёти сабкии ӯ амиқтар таъйин карда шаванд. Бо назардошти он ки ин ду падида дар адабиётшиносии муосири тоҷик ҳанӯз ба таҳқиқи муназзаму фарогир ва пажуҳиши диссертатсионӣ ниёз дошт, интихоби мавзуи мазкур **аз зумари масоили мубрами адабиётшиносии тоҷик** маҳсуб мешавад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда дар он зоҳир мегардад, ки ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил бори нахуст дар қолаби як таҳқиқоти мукаммали монографӣ ба таври низомманд мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф пешинаи пажуҳиши ин падидаҳоро дар адабиёти форсии тоҷикӣ, шинохти истилоҳию луғавӣ ва ҷойгоҳи онҳоро дар шеъри классикӣ таҳқиқ намуда, сипас хусусиятҳои корбурди онҳо дар ғазалиёти Бедилро аз ҷиҳати сохтор, маъно, балоғат ва вазифаи сабкӣ муайян кардааст. Аз ҷумла, ҳиссомезӣ аз нигоҳи таркиби ҳисҳо гурӯҳбандӣ гардида, навъҳои дар ғазалиёти шоир истифодашуда мушаххас шудаанд; ҳамчунин, мутаноқизнамоӣ аз ҷиҳати сохтор, мазмунҳои меҳварӣ ва таносуб бо дигар шигардҳои бадеӣ таҳлил гардидааст. Дастоварди дигари таҳқиқ кӯшиши муаллиф барои асоснок намудани мақоми ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ на танҳо ҳамчун орояҳои ҷудогонаи бадеӣ, балки ҳамчун унсурҳои муҳимми сабксози ғазалиёти Бедил мебошад.

Эҳсон Хуршед барои анҷом додани мавзуи мавриди назери хеш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар 4 банд** бо муҳтавои бобу фаслҳои таҳқиқ пайванд додааст. Ин нуктаҳо масъалаҳои таърихию назарии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ, хусусиятҳои корбурди онҳо дар ғазалиёти Бедил, таносуби ин падидаҳо бо дигар воситаҳои бадеӣ ва нақши онҳоро дар ташаккули сабки шоир фаро мегиранд. Маводи фароҳамовардашуда ва таҳлилҳои анҷомёфта барои муайян кардани вижагиҳои хосси низоми тасвирсозии Бедил заминаи муносиб фароҳам меоранд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, пеш аз ҳама, ба истифодаи матни ғазалиёти Бедил, муроҷиат ба сарчашмаҳои адабӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, инчунин ба корбурди маҷмуи усулҳои таҳқиқ – таърифӣ, тавсифию оморӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матни бадеӣ, таҳлили дохилиматнӣ ва таҳлили сохторию семантикӣ асос меёбад. Муаллиф барои таҳқиқи матни ғазалиёт аз ду нашри комили девони шоир – тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд ва кӯшиши Баҳман Халифа Баноравонӣ истифода кардааст. Фарогирии ин мавод, гирдоварии намунаҳои сершумори шеърӣ ва кӯшиши гурӯҳбандии онҳо, интихоби дурусти методҳои таҳқиқ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия истифодашуда ба муаллиф имкон фароҳам овардааст, ки **хулосаҳо ва тавсияҳои** таҳқиқ бар асоси далелҳои матнӣ пешниҳод гардида, дурнамои таҳқиқоти равишмандро дар соҳаи адабиётшиносӣ дуруст муайян намояд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, 3 се боб, 9 фасл, 6 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи

амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 204 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Сохтори кор ба мантиқи мавзуъ мувофиқ буда, ба баррасии масъалаҳои назарӣ, таҳлили мушаххаси ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил пардохта шудааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва манзур шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назарии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ»** ном дошта, ба баррасии **пешинаи пажуҳиши ин падидаҳо дар адабиёти форсии тоҷикӣ, шинохти истилоҳӣ ва луғавии онҳо ва муайян кардани ҷойгоҳашон дар низоми тасвири бадеӣ** бахшида шудааст. Муаллиф бо мурочиат ба осори муҳаққиқони ҳавзаҳои адабпажуҳии форсии тоҷикӣ, аз ҷумла Шафеии Кадканӣ ва дигар назарияпардозону муҳаққиқон заминаҳои назарии мавзуъро фароҳам овардааст. Ҷиҳати қобили таваҷҷуҳи ин боб дар он хулоса мешавад, ки муаллиф ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоиро аз доираи шарҳи луғавӣ берун оварда, ба масъалаи зуҳур ва таҳаввули онҳо дар таҷрибаи шеъри форсии тоҷикӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ҳамзамон, намунаҳои осори шоирони даврахои гуногун барои нишон додани собиқаи истифодаи ин падидаҳо аз назари муаллиф дур намондаанд.

Боби дуюм **«Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал вижагиҳои корбурди ҳиссомезӣ дар ғазалиёти шоир аз **ҷиҳати сохторӣ, балоғӣ ва маъноӣ** баррасӣ шудааст. Муаллиф намунаҳои шеъриро гирд оварда, таркиби ҳиссӣ ва робитаи байни унсурҳои гуногуни идрокро шарҳ медиҳад. Дар фасли дуюм **ҳиссомезиҳо бар асоси таркиби ҳисҳо гурӯҳбандӣ** гардидаанд. Бар мабнои натиҷаи таҳқиқ, дар ғазалиёти Бедил нуҳ навъи асосии ҳиссомезӣ мушоҳида мешавад; бо назардошти тағйири ҷойи ҳисҳо, муаллиф имкони ҷудо кардани ҳаждаҳ шакли таркибиро низ пешниҳод менамояд. Бартарии ин қисмат дар он аст, ки тасниф бо намунаҳои мушаххаси матни ғазалиёт пайванд дода шудааст.

Фасли сеюми боби дуюм ба **масъалаи ҳиссомезӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми сабксоз** дар ғазалиёти Бедил бахшида шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки ин падида танҳо воситаи ороиши сухан набуда, балки дар баёни мафоҳими фалсафию ирфонӣ, эҷоди чандмаъноӣ, густариши фазои хаёлӣ ва ташаккули вижагии сабкии шоир нақши муассир дорад. Ҷамъоварии беш аз 350 намунаи ҳиссомезӣ ва таҳлили гурӯҳҳои гуногуни он аз ҷустуҷӯ ва заҳмати назарраси матншиносии муаллиф шаҳодат медиҳад. Ин бахш аз

қисматҳоӣ муҳимми диссертатсия буда, барои шинохти низоми тасвирсозии Бедил аҳаммияти махсус дорад.

Боби сеюм **«Баррасии мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил»** ном дошта, **масъалаҳои вижагии корбурди мутаноқизнамоӣ, таносуби он бо дигар шигардҳои пурбасомади шоир, сохтори ин падида ва мазмунҳои меҳварии он**ро фаро мегирад. Муаллиф мутаноқизнамоиро дар иртибот бо низоми маъноии ғазалҳо таҳлил намуда, ба муқобилгузориҳои маъноӣ, аз қабили ҳастию нестӣ, рӯшноию зулмат, хомӯшию фарёд, озодию асорат, хандаву гиря ва дигар ҷуфтҳои мафҳумӣ таваҷҷуҳ менамояд. Дар ин замина, нишон дода мешавад, ки тазодҳои зоҳирӣ дар шеъри Бедил аксаран барои эҷоди маънои нав, амиқтар сохтани андеша ва ба вуҷуд овардани таъсири зеҳнию эстетикӣ хидмат мекунанд.

Дар зерфасли марбут ба таносуби мутаноқизнамоӣ бо дигар шигардҳои пурбасомад муаллиф кӯшиш менамояд, ки мақоми ин падидаро дар низоми сабкии Бедил муайян кунад. Дар бахши сохторӣ навъҳои таркибӣ ва ғайритаркибии мутаноқизнамоӣ ҷудо карда шуда, дар бахши мазмунҳои меҳварӣ доираи мафҳумҳои асосии ташаккулдиҳандаи тасвирҳои парадоксӣ нишон дода мешавад. Дар фасли ҷамъбастии боб мутаноқизнамоӣ ҳамчун унсури сабксоз арзёбӣ гардида, муаллиф бо такя ба басомади зиёди намунаҳо – беш аз 940 маврид – аҳаммияти онро дар ташаккули сабки бедилӣ таъкид мекунад. Ҷиҳати қобили таваҷҷуҳи ин боб пайванди таҳлили сохторӣ ва маъноӣ бо масъалаи сабкшиносӣ мебошад.

Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқро фаро гирифта, дар 14 банд фароҳам омада, бардоштҳои муаллифро оид ба таърихи назарияи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ, хусусиятҳои корбурди онҳо дар ғазалиёти Бедил, навъҳои сохторию маъноӣ ва нақши сабксозашон ҷамъбаст менамояд. Бахши мазкур натиҷаҳо аз таҳқиқи мавзуъ ва масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда буда, дар поёни ҳар банди хулоса ишора ва истиноди зарурӣ ба мақола ва таълифоти довталаб мушоҳида мешавад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ дар густариши тасаввуроти илмӣ дар бораи ду падидаи муҳимми тасвири бадеӣ ва нақши онҳо дар ташаккули сабки фардии Мирзо Абдулқодири Бедил зоҳир мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар омӯзиши назарияи адабиёт, сабкшиносӣ, таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва таҳқиқи осори намояндагони сабки ҳиндӣ мавриди истифода қарор гиранд. Маводи гирдоваришуда, гурӯҳбандии намунаҳо ва таҳлилҳои пешниҳодшуда барои таҳияи дастуру васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ, курсҳои махсус ва корҳои илмии минбаъда дар самти омӯзиши сувари хаёл ва хусусиятҳои сабкии Бедил судманд мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **7 мақола** дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **3 мақолаи дигар** дар маҷмуаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расонидааст. **Маводди интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, **саҳми шахсии муаллифро** собит менамоянд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, ба **талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591), Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, авторефератӣ диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти №493) **мувофиқат менамояд.**

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Бо вуҷуди арзишҳои назариявию амалии диссертатсия ва аҳаммияти натиҷаҳои бадастомада, дар таҳқиқи мавриди назар баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва ҷиҳатҳои такмилталаб низ ба мушоҳида мерасанд, ки зикри онҳоро барои беҳтар намудани кори анҷомёфта зарур мешуморем:

1. Дар муқаддима муаллифи диссертатсия сатҳи омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқро «комилан омӯхтанашуда» арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки «ҳеҷ таҳқиқ ва баррасии қобили тавақҷуҳе дар ин мавзуъ ба чашм намехӯрад» (саҳ. 5). Аммо ин иддао бо маълумоти минбаъдаи ҳуди муаллиф дар бораи мавҷудияти осори илмии Шарора Илҳомӣ, Илҳом Ганҷи Каримӣ, Шафеии Кадканӣ ва Нуралӣ Нурзод, ки бевосита ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мавриди назар бахшида шудаанд, то андозае мухолифат дорад. Аз ин рӯ, хуб мебуд, муаллиф дар арзёбии дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз чунин ҳукмҳо худдорӣ намояд. Ба таври дақиқ таъйин намудани пешинаи таҳқиқ барои дақиқтар нишон додани навоварии илмӣ судманд мебошад.

2. Муаллифи рисола ҳиссомезиро яке аз унсурҳои сабксози ғазалиёти Бедил унвон мекунад, аммо барои исботи хусусияти фардию сабксоз будани ин падида, ба назари мо, ниёз ба қиёси бештаре ҳаст. Зеро ҳиссомезӣ танҳо хосси сабки Бедил набуда, дар ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Соиби Табрезӣ, Калими Кошонӣ, Урфии Шерозӣ ва дигар намояндагони адабиёти форсӣ низ ба вуфур мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, фаровонии чунин тасвирҳо

дар шеъри Бедил ҳанӯз далели хусусияти истисноии сабки ӯ нест. Ҳадди ақал бояд чанд намунаи мушаххас ҳиссомезии Бедил бо ҳиссомезии Соиби Табрезӣ ё Калими Кошонӣ муқоиса карда мешуд. Дар ин сурат тафовут дар басомад, мураккабии сохтор, умқи маъно, чандвақҳӣ ва ё вазифаи фалсафию ирфонии ин тасвирҳои Бедил зоҳиртар мешуд.

3. Дар шарҳи баъзе байтҳо муаллиф аз зиддияти зоҳирӣ ба натиҷагириҳои фалсафӣ, ирфонӣ ё ҳастишиносӣ ручуъ мекунад. Чунин равиш дар бедилшиносӣ ҳоизи аҳаммият ҳаст, вале он бояд мабнӣ бар таҳлили матнӣ ва далелҳои забонию маъноӣ бошад. Масалан, дар шарҳи тасвири «вайронии бунёд» ва «ободи шикаст» муаллиф аз як зиддияти бадеӣ ба хулосаи умумӣ дар бораи ҳастӣ ва ноустувории олами вуҷуд мерасад. Чунин тафсир қобили қабул аст, аммо бояд нишон дода шавад, ки ин маъно аз сохтори дохилии байт, робитаи ҷузъҳои тасвир, контексти ғазал ва низоми андешаи Бедил бармеояд ё натиҷаи тафсири озоди муҳаққиқ аст.

4. Ба истиснои як маврид (саҳ. 176-177) таҳлили намунаҳои шеърӣ дар диссертатсия бештар дар сатҳи байт ё таркиби алоҳида маҳдуд гардида, робитаи онҳо бо муҳтавои умумии ғазал ба андозаи кофӣ ошкор нашудааст. Бо назардошти хусусияти мураккаби маънофарӣ ва бисёрпаҳлуии тасвирҳои Бедил, шарҳи як байт ё таркиби алоҳида шояд дуруст бошад, аммо на ҳамеша барои муайян намудани маънои ниҳоии он басанда мебошад. Аз ин рӯ, баррасии намунаҳо дар заминаи матни пурраи ғазал, муайян намудани мавқеи байт дар низоми маъноии шеър ва робитаи тасвир бо мавзуи умумии ғазал метавонист тафсири пешниҳодшударо амиқтар ва муътамадтар гардонад.

5. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла: «класссики» (саҳ. 12), «адабиётшиниосии» (саҳ. 13), «конфренсияҳо» (саҳ. 15-16), «байналмилаии» (саҳ. 15), «тақсимбандиии» (саҳ. 128), «мураакаб» (саҳ. 179), «муаяйни» (саҳ. 152) ва «Маҷалаи» (саҳ. 191), ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест.

6. Дар рӯйхати адабиёт манбаъҳои назариявӣ, мақолаҳо, рисолаҳо ва сарчашмаҳои электронӣ оварда шудаанд. Дар мабоҳиси сирф назариявӣ истифодаи Википедия ҳамчун манбаи таърифи падидаҳои илмӣ қобили баҳс аст. Аз ҷумла, дар рӯйхати адабиёт манбаъҳои электронии №200 ва №202 ба Википедия марбутанд. Барои рисолаи номзадӣ чунин манбаъҳо набояд такягоҳи асосии таърифҳои назариявӣ ва истилоҳшиносӣ бошанд.

Эродҳои зикршуда асосан хусусияти ислоҳӣ дошта, бештар ба дақиқсозии меъёрҳои истилоҳӣ ва густариши таҳлили муқоисавию матнӣ равона шудаанд. Ин эродҳо арзиши илмии диссертатсия ва аҳаммияти натиҷаҳои онро коҳиш намедиҳанд. Баръакс, баррасии онҳо метавонад барои

такмили манбаъдаи пажуҳиш ва амиқтар гардидани хулосаҳои он мусоидат намояд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой ба баррасии мавзуи муҳим ихтисос ёфта, ҳадаф ва вазифаҳои дар меҳвари пажуҳиш ҷойгирифта дар сатҳи зарурӣ ҳаллу фасл шудаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он бо забонҳои тоҷикию русӣ ва мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маводди конференсияҳо ба чоп расидаанд, мувофиқат дорад.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ба талаботи бандҳои 29-31, 33-36-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, таҳти №591 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, директори
Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои
Донишгоҳи байналмилалиии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Аминӣ А.Ф.
«05» ноябри соли 2026.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ф. Муҳаммадиев, бинои 64, ҳуҷраи 67.
Тел.: (+992) 93-885-81-91.
E-mail: amini87@internet.ru

Имзои Аминӣ Алишер Файзуллохро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкори Тоҷикистон Ҷураев Ш.

Нишонӣ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
Тел.: +992(37) 2 34-88-02
E-mail: info@iutet.tj
«05» ноябри соли 2026.